Ба Шурои диссертатсионии 6.D КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақризи мушовири илмӣ**

ба диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори ҷомеа: проблемаҳои назария ва амалия», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод мешавад

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст**.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуӣ: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, № 7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия мутобиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологии рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити роҳандозии модели нави рушди устувор барои солҳои 2021-2025» омода карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иҷрои мавзуи мазкур мусоидат намуда, айни замон самтҳои нави таҳқиқоти илмиро бо дарназардошти таҳаввулоти ҷомеа дар шароити иттилоотонӣ ва рақамигардонӣ муайян намудаанд. Самтҳои мазкур ҳангоми ба нақша гирифтани мавзуи нави таҳқиқотии кафедра ба инобат гирифта мешаванд. Ҳолати мазкур аз навгонии илмии диссертатсия ва аҳаммияти илмии он дарак медиҳад.

**Мубрамии мавзӯи диссертатсия** бо нақши калидии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар муайян намудани стратегияи танзими ҳуқуқӣ,

ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккули низоми беихтилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рушди низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ дар иртибот бо самтҳои нави инкишофи ҳаёти ҷомеа собит мегардад. Мубрамии мавзуи диссертатсия бо аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар муайян намудани стратегияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ пайдо мешаванд, ҳамчунин, аниқ намудани ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкнӣ ба аҳолӣ дар раванди иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, дар муҳокимаҳои лоиҳаҳои тағйиру иловаҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ, лоиҳаҳои қонунҳои муҳим, роҳандозии тадбирҳо бобати боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи иштирокдорони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Мубрамии диссертатсияро муаллиф бо дарназардошти паёмҳо, суханрониҳо, баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ, ки дар онҳо ҳадафҳо ва афзалиятҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ муайян карда мешаванд, исбот мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Тоҷикистон дар робита бо вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа ҳамчун самти мубрами таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти худро нигоҳ медорад.

**Дараҷаи таҳқиқи** мавзуи диссертатсия бо он муайян мегардад, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаи мураккаби илмӣ ва амалӣ буда, паҳлуҳои зиёд дорад, чунки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тақия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини сифати қонун, риояи техникаи ҳуқуқӣ, ппешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрӣ, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, стратегияи танзими ҳуқуқӣ робита дорад. Аз ин хотир, паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои зиёди илмӣ ва таълимӣ ҳаматарафа таҳқиқ карда мешаванд. Дар диссертатсия доираи васеи адабиёти илмӣ, ки бо мавзуи кор робита дорад, истифода шудааст. Ҳамаи асарҳои илмӣ, ки дар диссертатсия ҳаматарафа ва воқеъбинона, аз ҷумла бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Тоҷикистон истифода шудаанд, заминаи илмӣ-методологии онро ташкил доданд. Илова бар ин, асарҳои илмие истифода шудаанд, ки солҳои охир нашр шудаанд. Ҳолати мазкур навгонии таҳқиқотро таъмин мекунад.

**Навгонии методологии таҳқиқоти диссертатсионии докторӣ** бо он собит мегардад, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи тағйирёбанда буда,

бо дарназардошти талаботи нави танзими ҳуқуқӣ, алалхусус, дар шароити иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа мунтазам такмил дода мешавад. Барои ҳамин, тағйири методологияи таҳқиқоти илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта шудааст. Дар диссертатсия ақидаҳо ва таклифҳои илмӣ оид ба зарурати истифодаи усулҳои нави дарки олами виртуалӣ, падидаҳои нав, ки дар робита бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ пайдо шуда истодаанд, пешниҳод карда мешаванд. Ба зарурати такмили методологияи таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ, аз ҷумла ташаккули методологияи пасокласcикӣ, назарияи пасокласcикии давлат ва ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ категория ва мафҳуми илмии назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, ҳамчун ҷузъи назарияи мазкур таҳқиқ карда мешавад. Тағйироти ҷиддӣ дар методологияи таҳқиқи илмии назариявӣ ҳангоми таҳлили илмӣ-методологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта шудааст. Ҳолати мазкур навгонии заминаи методологии диссертатсияро собит менамояд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда**.

Доир ба муҳтавои диссертатсия 1 монография, 1 китоби дарсӣ, 1 воситаи таълимӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 14 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, ба он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, мутобиқат дорад.

**Мақсаду вазифаҳои диссертатсия ва навгонии онҳо.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмӣ-методологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла иттилоотонӣ ва рақамигардонии он ташкил медиҳад. Мақсади диссертатсия бо дарназардошти дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ислоҳти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ. рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ интихоб шудааст. Дар доираи мақсади кор вазифаҳои зерин, ки бо паҳлуҳои дахлдори мавзуъ робитаи

бевосита доранд, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд: муайян намудани мустақилият ва аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо сиёсати ҳуқуқӣ ва намудҳои он, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳқиқи мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти гуногунии ақидаҳо, асосҳои илмӣ, принсипҳо, субъектҳои он, таҳлили ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, роҳҳои таъмини сифати қонун, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҳуқуқэҷодкунӣ, асосҳои бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳошияи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Мундариҷаи диссертатсия бо дарназардошти мақсад ва дар доираи таҳқиқи мантиқии мавзуъ интихоб шудааст. Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи чор боб ва сенздаҳ зербоб таҳлил шудаанд. Бобҳо мутобиқи талаботи таҳлили илмии мантиқӣ, аз ҷумла усули илмии гузариш аз таҳлили умумӣ ба таҳлили мушаххас интихоб ва ҷойгир карда шудаанд. Дар боби якум масъалаҳои умуминазариявии методологӣ бо мақсади муайян намудани мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар низоми намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ карда мешаванд. Вазифаҳои боби мазкур бо ҳамин мақсад тобеъ карда шудаанд. Дар боби дуюм мафҳум, асосҳои илмӣ, принсипҳо, субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи мушаххас таҳлил карда мешаванд. Дар боби сеюм, ки мазмуни назариявӣ ва амалӣ дорад, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва таъмини сифати қонун таҳқиқ мешавад. Дар боби чорум дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Навгонӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он собит мегардад, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти самтҳо ва афзалиятҳои нави рушди давлати Тоҷикистон дар ҷомеаи иттилоотӣ ва гузариш ба ҷомеаи рақамӣ таҳқиқ мегардад. Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти ин афзалиятҳо ва сатҳи таҳқиқи илмии докторӣ, ки хусусияти бештар методологӣ дорад, интихоб шудаанд. Вазифаҳои мазкур таҳқиқи масъалаҳои нав ва мубрами илмӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, иттилоотонии ҳуқуқэҷодкунӣ, рақамигардонии ҳуқуқэҷодкунӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва дигари илмиву амалиро таъмин намуданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссератсионӣ собит менамоянд, ки муаллиф ба мақсади муайяншуда ноил гашта, ҳамаи вазифаҳо пурра ҳалли худро ёфтаанд. Ҳолати мазкур далели он аст, ки диссертатсия таҳқиқоти пурра анҷомёфта мебошад.

**Навгонии заминаи эмпирикии диссертатсия**. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаи назариявӣ ва амалӣ буда, роҳандозии он таҳлили васеи таҷрибаи дар ин соҳа ташаккулёфтаро талаб мекунад. Бо ин мақсад дар диссертатсия санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, паёмҳо, суханрониҳо, баромадҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, маводи иттилоотӣ ва оморӣ, махзанҳои иттилоотӣ, сомонаҳои иттилоотӣ истифода мешаванд. Ҳуҷҷатҳои мазкур заминаи эмпирикии таҳқиқотро ташкил доданд.

**Навгонии илмии диссертатсия** бо он собит мегардад, ки дар он таҳқиқоти илмӣ-методологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷараёни таҳлили ҳаматарафаи асарҳои зиёди илмӣ, усулҳои мубрами дарки падидаи мазкур, бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа, иттилоотонӣ ва рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ гузаронида мешавад. Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда собит мегарданд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро натиҷаҳои илмии зерин собит менамоянд**:

- дар натиҷаи таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо сиёсати ҳуқуқӣ мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешавад;

- ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, имкониятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи идоракунии мақсаднок ва муташаккилонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии доираи васеи субъектони босалоҳият ва иштирокчиёни он, таъмини муттасилии ҳамаи даврaҳои ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини раванди таҳия ва қабули саривақтии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар робита бо талаботи нави ҳаёти ҷомеа муайян ва таҳлил карда мешаванд;

– ҳадафҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар самти мутобиқ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба талабот ва равандҳои нави ҷомеа, аз ҷумла ҳукумати электронӣ, ҳукумати рақамӣ, рушди бахши хусусӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии субъектони хоҷагидории хусусӣ, иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, ҳамчунин, пешгӯи намудани дурнамои рушди низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ муайян карда мешаванд;

– вазъи мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар се сатҳ муайян карда мешавад: бо дарназардошти мавқеи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар низоми

намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ; ҳамчун падидаи мураккаб ва сохтории ҳаёти ҳуқуқӣ; дар таносуб бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

– бо мақсади муайян намудани вазъи мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таносуби он бо намудҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳо, ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи алоҳидаи ҳаёти ҳуқуқӣ бо дарназардошти шароити махсуси ташаккул, шаклу тарзҳои махсуси амалишавӣ, робитаи сиёсати мазкур бо падидаҳои дигари ҳаёти ҳуқуқӣ, унсурҳои таркибии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва мустақилияти онҳо муайян карда мешавад;

– ақида пешниҳод мешавад, ки мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст, чунки сиёсати мазкур аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ берун мебарояд;

– хулоса пешниҳод мешавад, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд дар доираи ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ ва барномавии давлатӣ, таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон, бо дарназардошти фазои ҳуқуқии минтақавӣ ва байналмилалӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ тарҳрезӣ ва амалӣ карда шавад;

– ақида пешниҳод мешавад. ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади танзими самараноки ҳуқуқӣ, дар заминаи гузаронидани таҳлили васеи илмии талаботи танзими ҳуқукӣ роҳандозӣ мегардад;

– муайян карда мешавад, ки ҳангоми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифтани самтҳои инкишофи низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистон зарур аст;

– робитаи байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи таносуби мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ», мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– ақида пешниҳод мешавад. ки тафовути мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ» ба дарки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад;

– мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод шуда, зарурати ҷудо намудани онҳо исбот карда мешавад;

–зарурати ҷудо намудани мафҳумҳои «субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «иштирокдорони раванди ҳуқуқэҷодкунӣ», ки хусусияти сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад, собит мегардад;

– ақидаҳо оид ба тафовути доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва субъекони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тафовути доираи амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тафовути мақсадҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва мақсадҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод карда мешаванд;

– механизми таҳқиқи илмӣ-таҳлилӣ ва пешгӯӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– механизми роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, бевосита шаҳрвандон, коллективҳои меҳнатӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ ва дигар дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо инкишофи ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ ва локалӣ, иттилоотонӣ ва рақамигардонии раванди идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– омилҳо ва роҳҳои таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд;

– принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо принсипҳои ҳуқуқ, принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ, принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, афзалиятҳои танзими ҳуқуқӣ муайян ва таҳлил карда мешаванд;

– самтҳои мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули «энергияи сабз», «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ», татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ муайян карда мешаванд;

– доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ», вазъи ҳуқуқии онҳо муайян гардида, таснифи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад;

– нақши калидии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии сарвари давлат, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии президентӣ, салоҳияти истисноӣ ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат муайян карда мешавад;

–зарурати муайян намудани ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти такмили техникаи ҳуқуқӣ дар раванди истифодаи технологиҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ исбот карда мешавад;

– нақши техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва омили такмили маҳорати касбии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ муайян ва таҳлил карда мешавад;

– ақида оид ба дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи субъектҳо ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад;

– зарурати дастрасии ҷамъиятии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, экспертизаи ҷамъиятии лоиҳаи қонунҳо, ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бевосита шаҳрвандон, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ собит мегардад;

– роҳҳои таъмини сифати қонун ҳамчун афзалияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

– ақида пешниҳод мешавад, ки мутобиқати қонун ба талаботи ҳаёти фарҳангӣ-маънавӣ яке аз нишонаҳои сифати қонун, омили ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ба инобат гирифтани анъанаҳои миллӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад;

– мафҳуми фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ пешниҳод карда мешавад;

– ақида пешниҳод мешавад, ки фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи ташаккулу рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназарошти арзишҳои таърихӣ ва муосири ҳуқуқӣ-иҷтимоии фарҳанги миллӣ мебошад;

– пешгӯӣ намудани самтҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ ҳамчун самти мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

–дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ муайян карда мешавад;

– нақши ҳалкунандаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мегардад.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти доктории диссертатсионӣ**.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳқиқи минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ такони ҷиддӣ бахшида, барои таҷдиди назар намудани асосҳои методологии таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ, такмили асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, техника ва технологияи ҳуқуқэҷодкунӣ, таъминоти илмӣ-методии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини сифати қонун, аниқ намудани стратегияи танзими ҳуқуқӣ дар шароити истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Дар натиҷаи таҳқиқот таклифҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва қабули қонунҳои нав, ҳамчунин, таҷдиди назар намудани як қатор ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ асоснок ва пешниҳод карда мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ақидаҳо ва мафҳумҳои илман асоснокшуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва таклифҳои амалии муаллиф, заминаи методологии таҳқиқот, таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҷрибаи дар Тоҷикистон ташаккулёфтаи муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаи қонунҳо, таҷрибаи ҷойдоштаи тағйиру иловаҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ, далелҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда собит мегардад.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмии муаллиф, ки дар шакли мақолаҳо ва монографияи илмӣ омода гардида, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешавад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, ба он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, мутобиқат дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» таҳқиқоти илмӣ-методологии анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Мушовири илмӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарофзода Р.Ш.

Имзои Р.Ш. Шарофзодаро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

10.12.2024